# ТАҚРИЗ
# БА ДИССЕРТАТСИЯИ НОМЗАДИИ АБДУЛОВ ЗИЁДУЛЛО НАЗАРОВИЧ ДАР МАВЗӮИ «ТУҲФАИ ШОҲӢ»-И МИРЗО АБДУЛАЗИМИ СОМӢ ҲАМЧУН САРЧАШМАИ ТАЪРИХӢ" БАРОИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ НОМЗАДИ ИЛМҲОИ ТАЪРИХ АЗ РӮИ ИХТИСОСИ 07.00.09 – ТАЪРИХНИГОРӢ, МАНБАЪШИНОСӢ ВА МЕТОДҲОИ ТАҲҚИҚОТИ ТАЪРИХӢ. ДУШАНБЕ, 2023.

Яке аз дастовардҳои назаррас ва муҳимми илми Тоҷикистон дар давраи истиқлоли давлатӣ тарҷумаву баргардон ва таҳқиқу баррасӣ шудани шумори муайяни сарчашмаҳои хаттӣ ва ба аҳли илму маърифат пешниҳод шудани онҳо мебошад. Аз ҷониби Абдуллов Зиёдулло Назарович дар доираи рисолаи номзадӣ мавриди таҳлилу баррасии сарчашмашиносӣ қарор дода шудани як асари муҳимми хаттии фарогири таърихи асри XYIII ва нимаи аввали асри XIX-и Хуросон ва Мовароуннаҳр аз ҷумлаи чунин дастовардҳост.

Ҳадафу мақсади таҳқиқот аз таҳлили комили рӯзгор ва осори Мирзо Абдулазими Сомӣ дар заминаи сарчашмаҳои мавҷуда, баррасии илмӣ-интиқодии муҳтаво ва мазмуни "Туҳфаи шоҳӣ", бо такя бар маълумоти Сомӣ баррасии дараҷаи инъикоси вазъи сиёсии Хуросон ва Мовароуннаҳри нимаи аввали асри XYIII, таҳқиқи таърихи лашкаркашии амирони манғит ба хориҷи аморати Бухоро дар охири асри XYIII-нимаи аввали асри XIX, таҳлили вазъи аморати Бухоро дар замони ҳукумати амир Музаффар, чигунагии инъикоси таърихи забткориҳои Россияи императорӣ дар Осиёи Миёна ва муқаррар намудани арзишмандии "Туҳфаи шоҳӣ"-и Сомӣ ҳамчун сарчашмаи дасти аввали таърихӣ иборат аст.

Омӯзиши асари таърихии "Тӯҳфаи шоҳӣ"-и Мирзо Абдулазими Сомии Бухороӣ ҳамчун сарчашмаи таърихӣ доир ба таърихи аморати Бухоро ва дигар хонигариҳои Осиёи Марказӣ объекти таҳқиқоти рисолаи мазкур мебошад.

Ба сифати пойгоҳи манбаъшиносӣ "Тӯҳфаи шоҳӣ"-и Мирзо Абдулазими Сомии Бухороӣ ва дигар сарчашмаҳои арзишманди инъкоскунандаи таърихи охири асри XYII - аввали асри XYIII-и Хуросон ва Мовароуннаҳр интихоб шуданд.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, шаш зербоб, хулоса, феҳристи манбаъҳо ва адабиёти истифодашуда иборат аст.

Дар муқаддима аҳамияти мавӯъ асоснок карда шуда, масъалаи дараҷаи омӯзиши он, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот аҳамияти назариявӣ ва амалии диссертатсия, принсипҳои методологии омӯзиш муайян карда шудааст.

Дар боби якум **“Туҳфаи шоҳӣ»-и Абдулазими Сомӣ ва сохтори он”** зиндагии Сомӣ марҳала ба марҳала инъикос ёфта, осори ӯ зикр шуда, мазмуну мундариҷаи “Туҳфаи шоҳӣ” таҳлилу баррасӣ ёфтааст. Номзад “Туҳфаи шоҳӣ”-ро ба ду қисм ҷудо намудааст. ӣ, аҳволу осор ва ии Сомӣ ва таърихи омӯзиши ёдгориҳои бостоншиносии болооби Зарафшон инъикос гардида, маълумоти маводи бостоншиносӣ дар бораи фарҳанги моддӣ ва маънавии минтақаи мазкур таҳлил шудаанд. Қисми аввал, ки дар асоси сарчашмаҳои таърихии муаллифони дигар навишта шудааст ва қисми дуюм, ки муаллиф онро ҳамчун иштирокчии бевоситаи воқеаҳо таълиф намудааст.

Боби дуюми диссертатсия **“Инъикоси вазъи сиёсӣ ва идории Хуросону Мовароуннаҳри нимаи аввали асри XYIII-нимаи аввали асри XIX дар «Туҳфаи шоҳӣ”** номгузорӣ шуда, дар он авзои сиёсии минтақаҳои мавриди назар **дар нимаи аввали асри XYIII ва нимаи аввали асри XIX** таҳлилу баррасӣ ва натиҷагирӣ шудааст.

Боби сеюм, ки **“Зикри лашкаркашиҳои амирони манғит ва истилои баъзе қаламрави аморати Бухоро аз ҷониби ҳукумати подшохии рус дар “Туҳфаи шоҳӣ”** ном дошта, ба таҳлили муборизаҳои сиёсӣ ва лашкаркашиҳои аморати Бухоро, муборизаҳои тезу тунди мазҳабӣ дар охири асри XVIII ва аз ҷониби Россияи подшоҳӣ забт шудани Осиёи Миёна дар нимаи аввали асри XIX бахшида шудааст.

**Дар хулоса** номзад Абдуллов Зиёдулло Назарович натиҷагирии таҳқиқи сарчашмашиносии “Туҳфаи шоҳӣ”-ро ба тbabri муфассал дар 15 банди алоҳида зикр намуда, истифодаи амалии натиҷаҳои ин таҳқиқоти номзадиро пешниход кардааст.

Бо назардошти навиштаҳои боло рисолаи мазкур барои дифоъ ба Шурои диссертатисионӣ тавсия дода мешавад.

**Мудири шуъбаи таърихи**
**илм ва техникаи ИТБМ ба**
**номи Аҳмади Дониши АМИТ,**
**номзади илмҳои таърих** **Шарифзода Абдувалӣ Қурбоналӣ**

**Суроға:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 34
тел.: 900-55-75-75

**Тасдиқ мекунам:**
**Сардори шуъбаи кадрҳои**
**ИТБМ ба номи Аҳмади**
**Дониши АМИТ** **Файзуллоева Гулғунча**

ШУЪБАИ КАДРҲО

21. 02. 2023